Фариштагон ба хонае, ки дар он саг ё расм (тасвир) бошад, дохил намешаванд

Аз Абуталҳа (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Фариштагон ба хонае, ки дар он саг ё расм (тасвир) бошад, дохил намешаванд."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки фариштаҳои раҳмат ба хонае, ки дар он саг ё тасвирҳои махлуқоти ҷондор вуҷуд дошта бошад ворид намешаванд. Зеро тасвирҳое, ки дар он рӯҳ бошад, гуноҳи бузург аст. Дар он ташбеҳ ва монанди кардан дар халқи Аллоҳ ва василае аз василаҳои ширк аст. Бархе аз онҳо тасвирҳое ҳастанд, ки ба ҷойи Аллоҳ Таъоло ибодат карда мешаванд. Аммо дар бораи сабаби надаромадани фариштагон ба хонае, ки дар он саг аст, ин аст, ки саг зиёд наҷосатҳоро мехӯрад, баъзе аз сагҳо шайтон номида мешаванд ва фариштагон зидди шайтонҳо ҳастанд. Ҳамчунин саг бӯйи бад ва нафратнок дорад, ки фариштагон онро намеписанданд. Нигоҳубини саг дар хона ҳаром аст, аз ин рӯ, ҳар касе дар хонааш саг мегирад, аз ворид шудани фариштаҳои раҳмат, дуои онҳо, истиғфори онҳо ва баракати хона ва дур кардани зарари шайтон аз худаш маҳрум мешавад, ки ин муҷозоти ӯ аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/8950